**Мавзӯъ.** **МАДАНИЯТИ ДАВРАИ ЭХЁ ДАР АВРУПО**

Нақша:

1.Ташаккул ва инкишофи маданияти Эҳё дар Аврупо

2. Маданияти Эҳё дар мамлакатҳои Италия ва Испания

Адабиёт


1. Всемирная История. Т, V. М., 1958
2. Всемирная История том 4. М., 1958


Тавсифи таърихии асри миёнагии мамолики ғарб чуноне ки аз таърих маълум аст, аз асрҳои 4-5 милодӣ оғоз гардида, то асри XV давом мекард, дар ин вақт дар мамлакатҳои Аврупо сохти феодалӣ ҳукмрон буд. Дар давоми беш аз 1000 сол дини масеҳӣ ва калисои католикӣ ба қувваи бузурги ғоявии ҷамияти феодалӣ табдил ёфта, дар тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсири ҳалкунандаи худро мегузошт. Дар ин муддат тамоми фаъолияти аҳоли аз нигоҳи дин ба роҳ монда шуда характери илоҳиро соҳиб гардид. Калисои католикӣ аз ибтидои пайдоишаш то асри XI дар асоси ғояҳои теократӣ амал намуда, кӯшиш мекард, ки тамоми самтҳои фаъолияти инсонҳо ҳаёти иҷтимоӣ–иқтисодии онҳо ва ҳатто идоракунии давлатро низ ба дасти худ мустаҳкам намояд. Асосгузорӣ ин андеша яке аз намоёнтарин «падарони каисо» Августин (асрҳои VI - V) буда, дар рисолаи худ «О граде божин» мавҷудияти ду навъи давлат: давлати заминӣ ва давлати илоҳиро тарғиб менамуд. Ба ақидаи Августин давлати замини давлати зоҳирӣ буда, он бо корҳои ҳаррӯзаи ҷузъӣ машғул аст; давлати илоҳӣ бошад, бо ҳалли масъалаҳои умдаи илоҳӣ-рӯҳан ба ҳам муттаҳид сохтани ҳамаи мӯътақидон ва солеҳои машғулмебошад. Аз ин рӯ, махз давлати илоҳӣ бояд барои давлати «заминӣ» меъёр ва намунаи ибрат бошад.

Дар асоси андешаҳои мазкур калисои католикӣ талаб мекард, ки тамоми ҳукумат ба дасти «падарони рӯҳӣ» дода шавад. Чунин даъво заминаҳои худро дошт: ҷамъияти феодалӣ дар заминаииҳоят одди инкишоф меёфт, он ба ҷои ҷамъияте омада буд, ки тамаддун, илму маърифат, фалсафа, сиёсат ва ҳуқуқи он бар асари ҳуҷумҳои варварҳо ба нести расида буданд. Мардум дар ҳама ҷо дар вазъияти бесаводӣ ва ғарқи ҷаҳолат буданд. Ягона чизи, аз ҷамъияти кӯҳнаи барҳмхӯрда барои феодализм мерос монда, дини масеҳӣ ва якчанд шаҳрҳои харобгардида буданд ва ягона одамони нисбатан басаводи

онҳоро попҳо (рӯҳниён) ташкил медоданд. Дар замони феодализм тамоми шакли маълумот, таълиму тарбия дар дасти ходимони динӣ – рӯҳониёни католикӣ қарор гирифта толибилмонро мутлақо дар рӯҳияи динӣ таълим медоданд. Хонандагон дар таълимгоҳҳои он давраи Аврупо дар рӯҳияи бепарвои нисбат ба ҳаёти рӯи замин, гӯшанишинӣ, парҳезгорӣ, зоҳидӣ, ба тақдиртандиҳӣ тарбия карда мешуданд. Ҳанӯз аввалин «падарони калисо» Иероним (асри IV), Августин асрҳои (IV - V) ҳаёти рӯи заминиро муваққати, гузаро ва ҳеҷ эълон карда, дунёи охиратро ҳамчун ягона дунёи бобақо васф менамуданд. Ба ақидаи онҳо инсон дар ин дунё ҳар кадар, ки бештар азоб кашад, дар он дунё ҳамон қадар ба роҳати доимӣ ноил мегардад.

Дар асрҳои XVI ум дар мамлакатҳои ғарб давраи нави инкишоф ба амал омад, ки аз Италия ибтидо гирифта бо номи маданияти эҳё маълум гардид. Намояндагони гуногун табақаи ин мамлакат барои инкишофи фарҳанг ва ҷудо гардондани он аз масъалаҳои теологӣ ҳаракат намуда барои дигар мамлакатҳои ғарб замина ба амал оварданд. Маҳз дар ин давлат эҳё дар ҳолати баланди инкишофи худ қарор гирифт. Дар инкишофи маданияти Эҳёи он табақаҳои гуногуни омма: шаҳриён, аристократҳо, ва намояндагони маданияти клерикалӣ баромад мекарданд (клерикалӣ –ҷараёни сиёси реаксионии мамлакатҳои сармоядорӣ, ки мақсади дар ҳаёти сиёси, мадании мамлакат зиёд намудани таъсироти диниро доранд).

Дар ҳудуди Фаронса низ ин масъала дар қарни XVI ум ба амал омада, ғалабаи пурраи андешаи инсонгароёни он бар зидди тартиботи кӯҳнаи сxолистикии феодалии он давра ба ҳисоб мерафт. Инкишофи васеъи маданияти Эҳё дар мамлакат вазифаи асосии ғояҳои ҷамъиятӣ ва адабиёт ба шумор рафта, дар муборизаҳои озодихоҳии он давраи халқ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таҷасум мегардид.

Дар аввалҳои солҳои 40- уми асри гузашта дар ғояҳои ҷамъиятии Фаронса ду гурӯҳи асоси: асосӣ ва радикалӣ баромад мекарданд. Намояндагони гурӯҳи аввал дар таълимоти ислоҳоти муассисаҳои динии худ андешаи гуманистиро ҷори мекарданд. Гурӯҳи дуюм низ дар маданияти он давра дигаргуниҳои мақсаднокро ҷори менамуд. Аммо ҳар дуи ин гӯрӯҳҳои иҷтимоӣ дар паҳн намудани таълимоти худ ба тақиботи калисо гирифтор гардид. Ҳукумати мамлакат вазъи фарҳангии давлатро ба тартиб даровaрда барои инкишофи он ва бар тараф намудани муқобилияти теологҳо донишгоҳи наврo ташкил намуд. Дар натиҷа дар тамоми мамлакат бедодгари ва таъқиботи халқи оғоз гардида инквизитсияи аҳолӣ ба дараҷаи олии худ расида буд1 .

---

Дар мамлакатҳои дигари Аврупо Испания, Англия ва Нидерландия низ протсеси ба амал омада бо суръат инкишоф меёфт. Равшанфикрони ин мамлакатҳо новобаста аз таъқиботи намояндагони дини андешаҳои худро барои халқ равшан баён намуда барои инкишофи фарҳанг замина ба амал меоварданд.

Дар Нидерландя инкишофи маданияти Эҳё дар ҳолати нисбатан дигар ба амал омад. Дохил гардидани ин давлат ба ҳайати габсбургҳо боиси таъғироти фарҳангии аҳолии он гардид. Аз лиҳози дигар зулму асорати испониҳо дар ин мамлакат боиси баамал омадани ҳаракатҳои милли озодихоҳи гардида, барои тарғиби маданияти онҳо низ бетаъсир намонд. Тасироти маданияти эҳёи Италия дар ҳудуди Нидерландия махсусан дар санъати рассомӣ зиёдтар дида мешуд. Маҳз дар ҳамин асос дар мамлакат маркази асосии романии Аврупо –ҷараёни байналмиллалӣ дар санъат ташкил гардида, санъати рассомиро бо анъанаҳои замони пештара бой намуд.

Дар ибтидои асри XVI бошад дар ин манотиқ низ андешаҳои гуманистии халқ баланд баромада, муборизаи рӯирости онҳо бар зидди тартиботи дини ва масҷидҳои католикӣ ба амал омад, ки боиси ноинҷории калисои католикӣ ва таъсироти онҳо барои паст намудани ин бетартибии аҳоли нисбати дин мегардид.

Ҳамин тариқ, калисои катликӣ аз аввали пайдоиши худ дар якҷояги бо синфи ҳукмрони феодалӣ дар тамоми минтақаи Аврупо бо ҳар роҳ кӯшиш мекард, ки халқро дар торики, ҷаҳолат, бесаводӣ, мутеъият ва сархамкунӣ нигоҳ дошта, барои сар бардоштани онҳо баҳри шарафи инсонии худ роҳ надиҳад.

## Маданияти Эҳё дар мамлакатҳои Италия ва Испания

Охири асри XV ва ибтидои асри XVI Италия аз ҷиҳати сиёси ба давлати пароканда табдил ёфта, дар зери асорати мамолики хориҷӣ қарор гирифт. Аммо аҳолии маҳали барои ба даст овардани мустақилияти худ аз мубориза даст намекашиданд. Маҳз дар ин давра кувваи эъҷодии халқ боз ҳам мустаҳкам гардида ба манбаи асосии мубориза табдил ёфта дар таърих бо номи Эҳёи олӣ қайд гардидааст. Ф.Энглис ин фаъолияти Италияро чунин ба қалам медиҳад: «Дар Италия давраи нави инкишофи санъат фаро расид, ки ҳамчун иникоскунандаи замони қадим баромад намуд, ки минбад дигар барои он имкон нахоҳад шуд»2. Дар масъалаи мазкур одамони намоёни он давр: Да Винчи, Микаленжело Рафаэл ва ғайра нақши бузург офариданд.

Микеланҷело Боунарроти 6 уми марти соли 1475 дар Капрезе ба дунё омадаст. Номи асосии ӯ Микеланҷело ди Лодовико ди Лонардо ди Буонаррото Симони буда, дар ҳайкалтарошӣ, рассомӣ, меъморӣ ҳамто надошт ва шоири номии Италия, бузургтарин намояндагони санъати давраи Эҳёи Италия ба шумор меравад. Фаъолияти эҷодии Микеланҷело дар Рим ва Флоренсия сурат гирифтааст.

Ҷиҳати хоси эҷодиёти Микеланҷелоро тасвири образҳои драматикӣ ва ситоиши тавоноиву зебоии инсон ташкил медихад. Дар эчодиёти ӯ таъсири санъати антиқии Рим зиёд мушоҳида карда мешавад ва ҳатто солҳои 1496–1497 дар ин мавзӯъ ҳайкали «Вакх»- ро низ офаридааст. Дар байни асарҳои Микеланҷело рельефҳои «Олиҳа дар назди зинапоя», «Муҳорибаи Кентаврҳо» (тақрибан солҳои 1490-1492, Каса Буонарроти, Флоренсия), «Сугворӣ бар Масеҳо» (1498-1501), мусавввараи «Оилаи мукдддас, 1503-1505, Уффитси, Флоренсия, силсилаи муҷассамаҳо, аз ҷумла «Мӯсо», 1515-1516, ибодатхонаи Сан Петро Винколи, Рим, «Гупоми исёнкарда», «Ғуломи фавтидаистода» «Ҳайкали Довуд» ва ғ. мавқеи калонро ишғол мекунанд.

Эчодиёти минбаъдаи Микеланчело ба давраи қувватгирии реаксияи католики- феодалӣ, таназзули демократия ва аз байн рафтани истиқлолияти миллии Флоренсия, инқирози идеалҳои давраи Эҳё рост меояд. Аз ин рӯ асарҳои у вобаста ба шароитҳои давр рӯҳияи маъюсӣ ва фоҷиавиро пайдо мекунанд. Санъаткор азоби рӯҳии дар ҳайкалҳои мақбараи Лоренсо ва Ҷулиано Медичи (1520-1524, ибодатхонаи Сан Лоренсо, Флоренсия) ва дар фрескаи азими «Рӯзи маҳшар» (1536-1541, капеллаи (кашиши) калисои Сикст, Рим), «Чормех кардани Петр» ва «Таъзияи Павел» (1524-1530), капеллаи (кашиши) калисои Паолин, Вотикон), ки ба давраи охири эҷодиёташ тааллуқ, доранд, хеле равшан инъикос ёфтаанд. Микеланҷело дар охирҳои умраш асосан ба меъморӣ ва шеъргӯӣ машғул буд. Шеърҳои ӯ асосан дар вазни мадригал ва сонет гуфта мешуданд. Маҷмӯаи ашъори шоир соли 1623 ба табъ расидааст. Эҷодиёти Микеланҷело аз тарғиби ғояҳои давраи Эҳё иборат аст. Дар асарҳои ӯ васфи зебоӣ, тавоноӣ, бузургии инсон ҷои асосиро ишғол мекунад.Ромен Роллан Микеланҷелоро гений номида буд: Ӯ 18 феврали соли 1564 дар Рим ба шаҳодат расидааст. «Ҳар касе, ки гениро инкор мекунад ва чи будани онро намедонад, бигузор Микеланҷелоро ба ёд оварад. Ана инсоне, ки дар ҳақиқат гени буд».

Фаъолияти эҷрдии Микеланҷело - ин гении зебоӣ- дар ҳақиқат дар таърихи тамаддуни инсонгароёнаи умумибашарӣ саҳифаи дурахшонро ишғол менамояд.

Рафаэль Санти 26 (28)- уми март (6 ум апрел)-и соли 1483дар Урбино дар оилаи рассом Ҷованни Санти ба дунё омада, 6-уми апрели соли 1521 дар рим аз олам чашм пӯшидаст. Ӯ яке аз рассомон ва меъморони маъруфи Италия, аз саромадони санъати давраи Эхёи Олӣ мебошад. Ӯ ҳамзамони Леонардо да Винчи ва Микеланҷело буда, ба монанди онҳо санъаткори ҳаматарафа ва олими машҳури замон буд. Рафаэлро дар ҳама ҷо ҳамчун рассом, меъмор, ҳайкалтарош, устоди портрет ва мусаввир нагз мешинохтанд. Худди ӯ бошад дар соҳаи рассоми худро шогирди рассоми машҳур П. Перуҷино (1500-1504) ҳисоб мекард.

Истеъдоди рассомии Рафаэлло ҳанӯз дар нахустин асарҳои ӯ «Хоби ритсар». Нигористони миллӣ, Лондон; «Се нозанин», Осорхонаи Конде, Шантийи; «Мадонна Сикст», Эрмитажи давлатии ш. Санкт-Петербург), ки дар солҳои 1500-1502 дар зери таъсири устодаш Пероҷини эҷод шуда буданд, равшан зоҳир мегардад. Махсусан мусавварaи меҳробии «Никоҳи Марям» аз рӯи тартиби ҷобаҷогузориаш ба эҷодиёти Пероҷино наздикият дорад. Соли 1504 бошад ӯ ба Флоренсия омада ба эҷодиёти рассомони бузурги давр- Фра Бартоломео ва Леонардо да Винчи аз наздик шинос мешавад. Мусаввараҳои Рафаэль «Мадонна Грандука», « Мадонна бо кудакони навзод ва Юҳаннои Таъмидӣба ӯ шӯҳрати ҷаҳонӣ оварда буданд. Соли 1508 ӯ бо даъвати папаи Рим Юлии II барои ороиши қасри Ватикон ба Рим омада, муқими мегардад. Дар эъҷодиёти ӯ нақшҳои рӯи деворӣ (фрескаҳо) мақоми хосаро ишғол намуда, дар он идеали озодӣ ва хушбахтии инсон, инъикос карда шудаст. Рассом дар расмҳои рӯи девории Станса делла Сеньятура (1509-1511) 4 шакли фаъолияти инсон: фиқҳ «Мубоҳиса», фалсафа «Мактаби Афина», назму нафосат «Парнас», ҳукуқшиноси «Хирад, Андоза ва Қудрат»-ро инъикос намудаст. Қобилияти баланди санъаткории ӯ махсусан дар асарҳояш «Рондашавии Элиодоро», «Тиловати пагоҳи дар Болсон», «Вораҳонидани ҳаворӣ Петр аз зиндон» равшан зохир гардидаанд. Дар замони зиндагони дар Рим ӯ бештар бо портреткашӣ машғул мешавад, ки портретҳои Юлии II (1511), кардинали V ношинос (1512); Б. Кастильоне (1515-1516) аз нишонаҳои он давра мебошад. Ӯ ҳамҷун сармеъмори калисои ҳазрати Пётр (1504), ибодатхонаи мудаввари Сайт Элиҷо дельи Орефиҷи (1509), капеллаи серороиши Киҷии дайри Сайта - Мария дель Пополо (1512-1520), инчунин палатсоҳои Видони- Кафарелли (аз соли 1515) ба қалам дода мешавад Яке аз машҳуртарин намунаи асарҳои меъмории Рафаэльо- Кушки мадам (Рим, сохтмонаш соли 1517 оғоз ёфта), мебошад.